Ба шурои диссертатсионии
6ДКАО-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067.ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)

Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло Султонович ба диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба шурои диссертатсионии 6ДКАО-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷро шуда, ба бандҳои 10.1; 10.10; 10.15; 10.19; 10.22 мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, рушди инфрасохтори бозори кортҳои пардохти бонкӣ, рушди маблағҳои электронӣ ва бо фанҳои навовариҳои электронӣ дар бонкҳо, инноватсия дар бонкҳо, хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба иҷро расидааст.

Маълум аст, ки иқтисодиёт дар асоси қонунҳои объективии иқтисодӣ амал мекунад ва яке аз ин қонунҳо, қонуни муомилоти пул мебошад. Муомилоти пул пеш аз ҳама тавассути хизматрасониҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, молиявӣ амалӣ мегардад. Хизматрасониҳои бонкӣ фаъолияти босамари ҳамаи самтҳои соҳибкорӣ, бахшҳои истеҳсоли ва ғайриистеҳсолӣ, идоракунӣ ва ғайраро таъмин менамояд.

Хизматрасониҳои гуногуни низоми бонкӣ ҳамчун яке аз зивенаҳои калидии иқтисоди бозорӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва хусусӣ, вазъи ҷомеа ва некуаҳволии ҳар як шаҳрванди кишвар таъсир мерасонанд. Дар навбати худ фаъолияти самараноки бонкҳо ва рақобатпазирии онҳо дар бозор аз ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонӣ ва технология, маҳсулоти инноватсионӣ, ғанӣ гардонидани бозори хизматрасониҳои бонкӣ вобаста буда, таҳлили таҳқиқи ин бозорро тақозо мекунад ва ҳамчунин мубрамияти кори диссертатсионии Дембегиев Мисрали-ро нишон медиҳад. Бозори рушди хизматрасониҳои бонкӣ талоботи замони муосир буда, пешравии ҷамъиятӣ ва иқтисодиётро таъмин менамояд.

Фақат дар соли 2022 миқдори пардохтҳо 186,6% афзоиш ёфта, ба 29753 ҳазор адад баробар шудаанд ва ҳаҷми пардохтҳо бошад, 234,4% зиёд шуда, ба 175688 млн сомонӣ расид. Дар як сол (2022) миқдори суратҳисобҳо ба 9584510 адад расид, ки нисбат ба аввали сол 153,6% афзоиш ёфтааст. Рақамҳои овардашуда гувоҳи рушди бозори хизматрасонии бонкии кишвар мебошанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст**

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионии Дембегиев М.С. на танҳо дар самти асоскунии назариявӣ ва методии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ зоҳир мегардад, балки дар чандин тавсияҳо пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати ташкил ва рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар мамлакат, коркард ва истифодабарии намудҳои нави маҳсулоти бонкӣ, танзими механизми хизматрасониҳои бонкӣ дида мешавад. Ба андешаи мо, натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба ҳайси навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаст, инҳо мебошанд:

1. Омӯзиши масаъалаҳои асосии таҳаввулоти назарияи хизматрасониҳои бонкӣ, ки бо ташаккул ва рушди афкори олимону коршиносон дар заминаи таъсиси бозори хизматрасонии мукаммал, инчунин, дигаргуниҳои инноватсионии дар заминаи талаботи рӯзафзуни ҷомеа бавуҷудоянда таҳлил гардида, шарҳи худии мафҳуми амалиёт, хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкӣ пешниҳод карда шуд, ки дар масъалаи инъикоси самти мазкур яке аз мақсадҳои асосӣ маҳсуб меёбад ва ба унвонҷӯ имкон медиҳад, ки тафсири самти мазкурро дар сатҳи илмӣ инъикос намояд;

2. Вобаста ба имкониятҳои мавҷуда аз тарафи унвонҷӯ арзёбии замина ва марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти ташаккули дурусти заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо ин роҳ солимгардонии фазои низоми бонкӣ баррасӣ гардида, марҳалаҳои рушди он асоснок карда шуддаст. Ки он дар айни замон қобили қабул ва дастгирӣ мебошад; (саҳ 58-75)

3. Дар шароити муосир марҳалоҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити номувозинатии иқтисодиёти дар ҳоли гузариш қарордошта ва тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои низоми бонкӣ вобаста ба сатҳи талабот ва имкониятҳои мавҷудаи пешниҳоди хизматрасониҳои низоми бонкӣ таҳлил ва ошкор гардида, таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон, ки арзёбии рушди дурусти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд, асоснок гардидааст, ки онро дар параграфҳои алоҳидаи диссертасияи унвонҷӯ дидан мумкин аст; (саҳ 108)

4. Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба механизмҳои имконпазири хизматрасонии қарзӣ бо назардошти талаботи замони муосир пешниҳод шудааст, ки новобаста аз шароитҳои воқеии тамоюлҳои иқтисодӣ сатҳи пешниҳоди онҳо бо баҳисобгирии таъсири хавфҳо бехатар мебошад ва ин масъаларо дар диссертасияи унвонҷӯ дидан мумкин аст ва ин масъала мувафақияти он мебошад.

Ҳамчунин, дар доираи амалиётҳои қарздиҳӣ тақвияти низоми қарздиҳӣ тавассути кортҳои пардохтӣ вобаста ба марҳалаҳои истифодаи самараноки қарзҳо, ки шакли воқеан самаранок мебошад, асоснок шудааст;

5. Вобаста ба ҳадафҳои илмию амалӣ самтҳои асосии такмили низоми ташкил ва танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шудааст, ки дар он такмили механизмҳои имконпазир ва амиқ санҷидашудаи рушди низоми бокнӣ дар шароити муосир коркард шудааст. Ҳамчунин, дар сатҳи низоми бонкӣ ҷиҳати ба даст овардани эътимоди аҳолӣ вобаста ба тақсими ҳиссаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳодҳои илман асоснок манзур гардидааст. Ғайр аз ин, дар сатҳи низоми бонкӣ ба таври мутамарказ ҷорӣ намудани механизмҳои назоратии мушаххас мавриди баррасии амиқ қарор гирифта, таҳлили вазъи хизматрасонии қарзӣ арзёбӣ ва омилҳои асосии ба ин раванд мусоидаткунанда асоснок карда шудааст;

6. Дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва вертуалӣ дарёфт гардида, хусусиятҳои хос ва истифодаи самараноки онҳо дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ асоснок шудааст. Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси воситаҳои ҳозиразамони бонкӣ баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд, ки онро ҳамчун асоси мувафақиятҳои унвонҷӯ дидан мумкин аст. (саҳ 132)

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, 1 расм, 16 ҷадвал, 9 диаграмма, руйхати адабиёт аз 133 номгӯй, дар ҳаҷми 164 саҳифа тахия шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот ва ғайра муайян карда шудааст.

Дар боби якум – **“Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ”** масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ, нақлиёт, бозори хизматрасонии бонкӣ дар шариати муосир ва асосҳои ташаккул ва рушди он таҳқиқ шудаанд.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ қисми ҷудонашавандаи бозори молиявӣ буда, дар ҷалбу истифодабарии самараноки воситаҳои пулии муваққатан озоди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои рушди иқтисодиёти милли ва маблағгузории лоиҳаҳои иеститсионӣ, ташаккулдиҳӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, бунёди иншоотҳои инфрасохторӣ ва ғайра саҳми ҳалкунанда дорад.

Дар параграфи якуми боби якум дар асоси омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимон, унвонҷуй рушди назарияи хизматрасониҳои бонкиро ба се марҳила ҷудо кардааст. Марҳилаи якум ба нимаи дуюми солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 70 – уми асри XX рост меояд. Марҳилаи дуюм ба охирҳои солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум таллуқ дорад. Марҳилаи сеюми рушди назариявии хизматрасониҳои бонкӣ ба соли 1991 инҷониб рост омадааст.

Ба ақидаи муаллиф сарчашмаҳои асосии коркарди назарияи хазматрасониҳои бонкӣ ба олимони ғарб тааллуқ дорад ва андешаҳо ва фикри онҳо дар ин параграф оварда шудаанд.

Дар параграфи дуюми боби якум асосҳои назариявии ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, таърихи пайдоиши бонкҳо, андешаи як қатор муаллифон оид ба рушди муносибатҳои молӣ-пулӣ, зарурияти ба танзим даровардани муомилоти пули ва баҳодиҳии амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, зинаҳои аввали рушди фаъолияти қарзӣ ва хизматрасониҳои пулию ҳисоббаробаркунаниҳо хуб таҳлилу таҳқиқ шудаанд.(саҳ. 27- 41)

Параграфи сеюми боби якум ба моҳияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имруза бахшида шудааст.

Қайд карда шудааст, ки масъалаҳои такмил ва ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ намудани фаъолияти бонкҳо яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодию иҷтимоӣ мебошад, зеро ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва хизматҳои гуногун дар он пешниҳодшаванда амалиёти тиҷорати бонкӣ буда, ба зиёд кардани даромади бонкҳо ва қонеъ гардонидани ниёзҳои мизоҷон ба мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ, нигаронида шудаанд.

Дуруст гуфта шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ ва фурӯши хизматрасониҳо дар кишварҳои пешрафта, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии бонкӣ бо мақсади истифодаи он дар кишвари мо аҳамияти хоса пайдо кардааст.(с.41)

Дар боби дуюм “Таҳлили ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои бо он таъсиррасон, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ ва қарздиҳӣ, ҳамчун намуди афзалиятноки хизматрасониҳои бонкӣ, мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Дар параграфи якуми боби дуюм, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки пас аз соли 1991 дар давраи истиқлолияти сиёсии давлат яке аз падидаҳои нодире, ки ҷомеаро пеш мебарад, ин низоми миллии пулию бонкии кишвар мебошад. Ин падидаи воқеан муҳимми таърихӣ барои ташаккулу пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам овард.

Дар давраи тадриҷан зинаҳои такмили заминаи қонунгузорӣ, ба муомилот ворид кардани пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, ба роҳ мондани ҳисоббарориҳои мунтазаму боэътимод, ташкили назорати ба пояи меъёрҳои молиявию иқтисоди асосноки бонкӣ ва ғайраро тай намуда, дар айни замон, ба яке аз соҳаҳои ниҳоят муҳимми иқтисодиёти мамлакат табдил ёфтааст. Дар баробари ба даст овардани истиқлоли давлатӣ бо шарофати фазои мусоиди рушди иҷтимоию иқтисодӣ бозори хизматрасониҳои бонкӣ низ такмил ёфт, ки дар он иштирокчии асосӣ тамоми бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ мебошанд.

Ҳамчунин, сиёсати давлатӣ дар бахши пулию қарзӣ ба нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ,

афзун намудани ҳаҷми сармояи бонкҳо ва маблағи пасандозҳо, тадриҷан баланд бардоштани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт, таъмини шаффофият дар фаъолияти бонкӣ, такмилдиҳии хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла сари вақт таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо маблағҳои қарзӣ, рушд додани маблағгузории хурд дар деҳот ва минтқаҳои дурдаст кӯҳистон бо мақсади бунёди ҷойҳои корӣ ва рушди саноати маҳаллӣ равона карда шуд. Ғайр аз ин, дар шароити бамаротиб зиёд гардидани талабот ба пули нақд рушди бозори кортҳои пардохтӣ, ҳамчун қисми таркибии бозори хизматрасонӣ аз ҷониби ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ таъмин карда шуд.

Дар параграфии дуюми боби якум гуфта шудаст, ки масъалаи таъмини саривақтии аҳоли ва субъектҳои хоҷагидорӣ бо хизматрасониҳои бонкӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкӣ буда, ҳалли он чи дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чи дар сатҳи минтақаҳо устувории иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин кард.

Дар ин раванд қабули қонунҳои ба талоботи замон ҷавобгуй, ҳимояи бонкҳо аз дахолати сохторҳои дигар, таъмини махфияти сирри бонкӣ, эмиссияи пулҳои аҳолӣ, ташкили интиқоли озоди пулҳои аҳолӣ аз хориҷ ва ба хориҷ, додани онҳо ба аҳолӣ бо асъори воридшуда, ташкили бозори асъор, мубодилаи озоди асъори хориҷӣ ба пули миллӣ, аз ҷумлаи ин чорабиниҳои сари вақти буданд. Муаллиф номгуйи ҳалли мушкилётҳои дар сиёсати назорати бонкӣ ва фаъолияти низоми бонкӣ ҷой доштаро пешниҳод кардааст, ки қобили қабул мебошад.

Дар параграфи сеюми боби дуюм қарздиҳӣ ҳамчун намуди афзалиятноки хизматрасонии бонкӣ таҳлил шудааст. Барои исботи ин ақида унвоҷуй маводҳои омориро ҷамъ оварда, нақши қарздиҳиро да рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нишон додааст. Дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, ки қарздиҳӣ яке аз востаҳои муҳимтарини дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ аз ҷониби корҳонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бо назардошти заминаи ақибмондаи техникӣ, дараҷаи баланди истеҳлоки фондҳои асосӣ ва таҷҳизоти корхонаҳои бахши воқеӣ, инчунин, даромаднокии нокофӣ ва сатҳи пасти пасандозҳои дохилӣ, муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар ҳоли ҳозир ва дарояндаи наздик, худмаблағгузории фаъолияти корхонаҳои ин бахш хело маҳдуд мебошад ва онҳо ба қарзӣ бонкҳо ниёз доранд.

Таҳлилҳои унвонҷуй нишон доданд, ки ҳамаи қарзҳои ба соҳаҳо додаи бонкҳо дар муқоиса ба соли 2010 1,6 маротиба афзоиш ёфтааст. Аз он ҷумла, да соҳаи саноат 3,1 маротиба, кишоварзӣ 15,2 %, нақлиёт 39,5 %, хуроки умумӣ 7,1 маротиба, хизматрасонӣ 1,1 маротиба, савдои хориҷӣ 52,7 %, истеъмолот 4.7 маротиба ва дигар қарзҳо 91,8 % афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, дар соҳаи сохтмон 66,4 % ва миёнаравони молиявӣ 30,1 % ҳаҷми қарзҳо коҳиш ёфтааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҳама қарзи бештар ба соҳаи саноат ва қарзҳои истеъмоли зиёд мебошад.(саҳ. 93)

Дар боби сеюм “Самтҳои асосии такмили низоми ташаккул ва танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ” самтҳои асосии танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили

механизми низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар замони муосир таҳқиқ ва муайян шудаанд. Бо мақсади таъмин кардани суръати баланди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилиҳои ҷомеа зарурияти ислоҳоти минбаъдаи низоми бонкӣ ва такмили механизми низоми хизматрасониҳои бонкӣ ба миён меояд.

Дар параграфи якуми боби сеюм дар асос таҳлилҳо қайд шудааст, ки дар айни ҳол низоми бонкӣ кобилияти мустақилона маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуддатро надорад. Тавре таҷрибаҳо нишон медиҳанд, даро бозорҳои молиявии мутараққӣ, сармоягузориҳои дарозмуддат ба иқтисоди воқеӣ тавассути дигар намудҳои миёнаравҳои молиявӣ – ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз ҷумла шабакаи бонкҳои инвеститсионӣ, ширкатҳои сармоягузории венчурӣ бо дастгирии ҳеҷфондҳо ва фондҳои кафолатӣ, ширкатҳои нафақа ва ширкатҳои суғуртавии хусусӣ таъмин карда мешавад.

Мавҷуд набудани ин ниҳодҳои муҳим дар кишвар, бонкҳои тиҷоратӣ ва махсусан бонкҳои низомсози кишварро водор намуд, ки ба бахшҳои муҳим ва алалхусус бахши воқеии иқтисодиёт ва инчунин, барои дастгирии барномаҳои давлатӣ хизматрасониҳои мухталифи қарзиро ба хилофи имконот ва сиёсати худ пешниҳод намоянд, ки он, дар навбати худ, дар косташавии устувории молиявии онҳо боис гардид.

Дар натиҷа, бинобар сабаби иштирки онҳо дар татбиқи барномаҳои давлатӣ, дар робита ба ташаккули заминаи истеҳсолии ватанӣ, рушди иқтидори содиротии кишвар ба бад шудани сифати портфел қарзӣ, коҳиш ёфтани суботи молиявии бонкҳо, махсусан бонкҳои тиҷоратии низомсоз оварда расонд. (саҳ-109)

Гуфтаҳои боло зарурияти такмил додани механизми хизматрасониҳои бонкӣ ва муайян намудани самтҳои онро ба миён овардааст, ки унвонҷӯй дар ин ҷода саҳми худро гузоштааст.

Тавре маълум аст, танзимгари асосии низоми бонкӣ ва махсусан бозори хизматрасонии он Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, ки асосан рушди низоми бонкӣ ва қарзиро таъмин менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон абзорҳои анъанавии сиёсати пулию қарзӣ, инчунин дигар воситаҳои танзимкунандаи муомилоти пуливу қарзиро истифода мебарад ва дар такмил додани механизми хизматрасониҳои бонкӣ бояд фаъол бошад.

Дар параграфи дуюми боби сеюм унвончуй кушиш кардааст, ки самтҳои асосии танзими бозори хизматрасониҳои бонкиро муайян намояд.

Ба ақидаи унвонҷӯй дар айни ҳол низоми бонкии кишвар ба таври комил рушд наёфтааст, бинобар ин, дар фаъолияти он дар сатҳи пешниҳод ва амали кардани хизматрасониҳои муосири молиявӣ номутавозинии назаррасро мушоҳида намудан мумкин аст ва яке аз омилҳое, ки ба чунин вазъ овардааст, ин равобит ва ҳамгироии номукаммали низоми бонкӣ бо дигар бахшҳои молиявӣ, аз ҷумла бозори коғазҳои қимматнок, ширкатҳои суғурта, фондҳои нафақа ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷуз аз низоми бонкӣ дигар бахшҳои молиявӣ низ мавҷуданд, аммо дар кишвар танҳо

бонкҳои тиҷоратӣ гаронии маблағгузории лоиҳаҳоеро ба дӯш доранд, ки дар баъзе маврид барои низоми бонкӣ душвориро эҷод менамоянд ва онҳо дар пешниҳоди дигар намуди хизматрасониҳои муосири бонкӣ оҷиз мемонанд.(саҳ-134)

Аз ин хотир, чи тавре ки унвонҷой таъкид кардааст, таъмини ҳамгироии низоми бонкии кишвар бо дигар бахшҳо на танҳо дар васеъгардонии доираи хизматрасониҳои муосири молиявию бонкӣ, балки дар таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ метавонад мусоидат намояд. Ба ибораи дигар, дар натиҷаи таъмини талаботи субъектҳои мухталифи иқтисодии кишвар бо воситаҳои молиявии дарозмуддати дохилӣ, ба устувории иқтисодӣ ва махсусан, ба шароити иҷтимоии он метавон тағйироти куллиро ворид намуд, ки онро дар баланд бардоштани сатҳи воқеии зиндагии аҳолӣ(коҳиши бекорӣ, таъмини ниёз барои ҷойҳои корӣ, манзил ва ғайра), коҳиш додани вобастагӣ аз манбаъҳои берунаи маблағгузорӣ, таъмини афзоиши устувории молиявӣ хоҳем дид.(саҳ-135)

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикршуда**

Фикру андешаҳои назариявии дар диссертатсия овардашуда дар ташаккул ва рушди назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва низоми пулию қарзӣ ва ташаккули муомилоти пул саҳмгузор шудаанд. Таҳқиқи хусусиятҳои хоси низом ва равандҳои бозори хизматрасонӣ ва марҳилаҳои рушди низоми бонкӣ дар давраи соҳибистиқлолии давлатӣ, заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои таҳияи консепсияи нави рушд ва ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ҳаҷми кофии маводҳо, рақамҳои оморӣ ва таҳлили онҳо, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд.

Тавсия ва хулосаҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии назарияҳои классикӣ ва муосир ва таҳлили вазъи имрӯзаи бозори хизматрасониҳои бонки ва низоми бонкии кишвар таҳия шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст,ки муқаррароти диссертатсия боиси васеъ намудани ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва методологии таҳқиқот дар самти ташаккулу рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва низоми бонкӣ, танзими муомилоти пулӣ ва истифодабарии захираҳои қарзӣ, таҳияи консепсияи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ саҳм мегузорад. Пешниҳодҳо ва хулосаҳо доираи таҳқикоти мавчударо дар соҳаи бонкдорӣ ва хизмтрасониҳои бонкӣ васеъ намуда, ба низоми муътадили фаъолияти низоми бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ дар истифодабарии натиҷаҳоро дар раванди такмилу татбиқи барномаҳои кутоҳ ва дарозмудати ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва ташкилотҳои қарзи, ҷамъ намудан ва самаранок истифода намудани захираҳои қарзӣ ва танзими муомилоти пулӣ ва низоми пардохтии кишвар, мебошад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибоси илмӣ ва хулосаҳо пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА эътирофшуда, чоп карда шудаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзуи диссертатсия 4,8 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муалиф дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинару конфренсияҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима гардидаанд.

**7. Мутобиқати барсамиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шӯрои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгуӣ мебошад.

**8. Хулоса**

Аз нигоҳи муқарриз дар таҳқиқоти диссертатсиони якачанд камбудиҳо ва норасогиҳо ҷой доранд.

Эроду дархостҳои муқарриз чунин аст.

**1.** Дар параграфи дуюми боби якум,ки **“Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он”** ном дорад, пайдоиши бонкҳо ва қарздиҳи, марҳилаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти бонкӣ, фаъолияти бонкдорӣ, таърихи бонкдорӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна то инқилоби соли 1917 таҳқиқ шудааст. Вале дар ягон саҳифа калимаҳои “Бозори хизматрасониҳои бонкӣ” дида намешавад, гарчанде ки мазмуни параграф ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкиро дар бар гирифтааст.

**2.** Дар параграфи якуми боби дуюм “Вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон” бештар вазъи бозори кортҳои пардохтӣ баррасӣ шудааст. Рақамҳо, ҷадвалҳо,таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳо вуҷуд доранд. Вале рақамҳо ва ҷадвалҳои тасдиққунандаи бозори хизматрасониҳои қарзӣ, ки яке хизматрасонии асосии ташкилотҳои қарзӣ мебошад, кам ба назар мерасад (гарчанде ки параграфи сеюми боби дуюм ба қарздиҳи бахшида шудааст). Ҳамчунин вазъи намудҳои дигари хизматрасониҳои бонкӣ кам таҳлил шудаанд.

**3.** Масъалаҳои дар боби сеюм гузошташуда ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Роҳҳои такмили механизми низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва самтҳои асосии танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ кам дида мешавад.

**4.** Дар ҷадвали 3.1.1 (саҳ 110) воҳиди ченаки ҳисоб вуҷуд надорад.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шуд, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиони Дембегиев Мисралӣ Сафармадовичро коҳиш намедиҳанд, чунки онҳо баъзе тавсиявию

дигаре баҳсталаб мебошанд. Дар умум кори диссертатсиони таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар таҳқиқу ҳалли муаммоҳо ва роҳҳои таъмини рушду ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ тавсия менамояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопшуда мазмунти асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудаанд ва дар онҳо навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мундариҷа, мазмуни илми ва шакли баён диссертатсия дар мавзуи "Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташакул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бешубҳа кори илмиву тахасусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳимму афзалиятнокиро дар рушди иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан ба талаботи Низомномаи КОА назди Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй аст. Аз ин лиҳоз муаллифи он Дембегиев Мисралӣ Сафармадович сазовори илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муқаризи расмӣ, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор, профессори
кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи
славянии Руссия-Тоҷикистон Султонов З.С.

Имзои Султонов З.С.-ро тасдиқ
менамоям: Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи славянии Руссия-Точикистон Раҳимов А.А.

Донишгоҳи славянии Руссия-Точикистон, 734025,
Ҷумҳурии Точикистон, ш. Душанбе, кучаи М. Турсунзода,
30. Тел: (+992 37) 2275459; (+992) 935202870.
Sulto42@ mail.ru